Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзуи «Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити равндҳои ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба таъмини амнияти ғизоии кишварҳои ҷаҳон моро водор месозад, ки рушди соҳаи кишоварзиро дар сатҳи зарурӣ тақвият бахшем. Илова бар ин гуфтан мумкин аст, ки иқтисоди бозорӣ, яке аз масълаҳои муҳим дар сатҳи давлат таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар чунин вазъ рушди соҳаи кишоварзӣ ба яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати иқтисодии кишварҳои мухталиф ва аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гардидааст.

Тавре маълум аст Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шароити мусоиди иқлимӣ бархурдор мебошад ва метавонад амнияти ғизоии худро тавасути ғизои хушсифат ва бо ёрии рушди соҳаи кишоварзӣ таъмин намояд. Аз ин хотир, рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини бозорҳои дохилию минтақавӣ бо маҳсулоти кишоварзии миллӣ, метавонад дарояндаи наздик ҷумҳурии моро ба яке аз кишварҳои пешсафи содиркунандаи маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа табдил диҳад. Боиси қайд аст, ки дар ҷумҳурӣ сарчашмаи асосии маблағгузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ бонкҳои тиҷоратӣ маҳсуб меёбанд. Зеро, бо вуҷуди қабул ва татбиқи як қатор барномаҳои давлатӣ, аз он ҷумла, таъмини дастрасии захираҳои қарзӣ барои истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ, он ба таври кофӣ коркард нашудааст ва барномаҳои татбиқ гардидаи давлатӣ, дар рушди ин соҳа он қадар назаррас нестанд. Аз ин лиҳоз, беҳтар гардонидани шароити қарздиҳӣ ва рушди инфрасохтори бозори қарзӣ тақозои замон мебошад. Гуфтан мумкин аст, ки вобаста ба нишондодҳои автореферати мазкур кори таҳқиқшуда кори анҷомёфта буда дорои як қатор муваффақиятҳо мебошад. Илова бар ин дар баробари пешравиҳо баъзе норасоиҳо низ вуҷуд дорад, ки инҳоро дар бар мегирад:

1. Хуб мешуд агар унвонҷӯ дар масъалаи қарздиҳи субъектҳои кишоварзӣ масъалаи рақобатпазирии низоми бонкиро дар самти дастгирии соҳаи кишоварзӣ бо пешниҳоди фоизҳо ва қарзҳои имтиёзнок мавриди баррасӣ қарор медод.

2. Ҳангоми таҳлили қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ хуб мешуд агар унвонҷӯ аз индикаторҳои мавҷудае, ки қобилияти қарзадокуниро вобаста ба нишондиҳандаҳои мавҷуда инъикос менамоянд истифода мешуд ба мақсад мувофиқ буд.

Ғайр аз он, дар баробари пешравӣ ва комёбиҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки аҳамияти илмӣ ва мубрамияти таҳқиқотро коста намегардонад. Инчунин як қатор таҳлилҳоро унвонҷӯ метавонад дар таҳқиқотҳои минбаъдаи илмии худ мукаммал намуда доираи илмии онро васеъ намояд.

Аз ин хотир тамоми масъалаҳо ва таҳлилҳои дар афтореферат буда боиси дастгирӣ мебошанд.

Гуфтан ба маврид аст, ки ҳангоми таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзуи «Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумњурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Латипова Гуландом Сайҳомидовна сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмњои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Доктори илмҳои иқтисод, профессори
кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Набиев Т.Т.

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе кӯчаи Саид Носир, 33
Телефон: (+992) 37-224-17-86
Факс: 37-224-17-86, E-mail info@apa.tj

Имзо Набиев Т.Т.-ро тасдиқ менамоям
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
Корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода О.О.